# АННОТАТСИЯ

ба рисолаи Нишонзода Рискибой дар мавзуи: «Такомули идоракунии рушди фазоӣ-ҳудудии инфрасохтори иҷтимоии минтақа (дар асоси маводҳои вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)»

**Калимаҳои калидӣ**: инфрасохтори иҷтимоӣ, нобаробарӣ дар рушди ҳудудӣ-фазоӣ, усули маҷмуӣ, баҳодиҳии дастрасӣ ба объектҳои инфрасохтори иҷтимоӣ, татбиқи лоиҳаҳои идоракунӣ, стандарти минтақавии шарикиҳои давлатию хусусии рушди фазоӣ бо назардошти эҳтиёҷоти шаҳрвандон.

Дар рисолаи Нишонзода Рискибой, ки доир ба идоракунии рушди ҳудудӣ-фазоӣ инфрасохтори иҷтимоӣ дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст, тарзҳои илмии ҷойгирсозии фазоии корхонаҳои секторҳои ҷамъиятӣ, консепсияҳои мактабҳои муосири ғояҳои иқтисодӣ, махсусан таъсиси шароит барои таъминоти зиндагӣ, такрор истеҳсолот ва инкишофи аҳолӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Муаллиф, аҳамияти иҷтимоӣ-иқтисодии инфрасохтори иҷтимоиро барои минтақа муайян намуда, равишҳои методиро барои баҳодиҳии дастрасӣ ба инфрасохтори иҷтимоии аҳолӣ таҳқиқ намудааст. Ҳолати инфрасохтори иҷтимоӣ ва таъсироти он ба рушди минтақа таҳлил гашта, дастрасӣ ба инфрасохтори иҷтимоии аҳолӣ барои ҳудудҳо аниқ сохта, тавсияҳо барои такомули механизмҳои институтсионалии рушди фазоии инфрасохтори иҷтимоӣ коркард шудааст. Дар кор равишҳои назариявӣ оид ба алоқамандии рушди фазоӣ ва ифрасохторию иҷтимоӣ такомул дода, мақсаднокии истифодаи усули таҳлили маҷмуии барои арзёбии дараҷаи дастрасии инфрасохтори иҷтимоӣ ба аҳолии ҳудудҳои минтақа имконият диҳанда ва гузаронидани таснифоти ҳудудҳо асоснок карда шудааст. Исбот гаштааст, ки беандозагии ҷойгирсозии объектҳои инфрасохтори иҷтимоӣ дар ҳудудҳои минтақа тафовутнокии сифати зиндагонии аҳолиро тақвият дода, барои нарасидан ба мақсади рушди устувори инсонӣ боис мегардад. Инчунин, маҷмуи тавсияҳо барои такомули идоракунии рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар вилояти Суғд, ки барои баланд бардоштани сифати зиндагонии аҳолӣ мусоидат менамоянд, коркард ва пешниҳод шудааст. Ин ҳолатҳо, аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки рисолаи диссертатсиони мазкур дорои унсурҳои навгонии илмӣ буда, ба худ тадқиқоти баитмомрасида дар мавзуи мубрамро дар бар мегирад.